Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Нахимова 64/14)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои саноат дар минтақаҳо, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар ин раванд саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ дар таъмини рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии минтақаҳо нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда мубрам буда, ба талаботи рушди иқтисодиёти минтақавӣ мувофиқат мекунад.

Мубрамии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо зарурати навсозии технологии корхонаҳои соҳа, истифодаи оқилонаи захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ алоқаманд мебошад. Вилояти Хатлон дорои имкониятҳои назарраси захиравӣ ва истеҳсолӣ буда, таҳия ва татбиқи самараноки механизми инноватсионӣ метавонад ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақа мусоидат намояд.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи он, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо ба таври низомнок инъикос ёфтаанд. Мақсади таҳқиқот ба коркарди асосҳои илмию назариявӣ ва методии ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон равона гардида, бо вазифаҳои гузошташуда мутобиқат менамояд.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар истифодаи равиши маҷмуӣ ба омӯзиши рушди инноватсионии соҳа зоҳир мегардад. Муаллиф омилҳои

иқтисодӣ, технологӣ, захиравӣ ва институтсионалиро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳолати муосир ва имкониятҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар минтақа таҳлил намудааст. Тибқи маълумоти дар автореферат овардашуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2024 ба 12 666,0 млн сомонӣ ва ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба 3256,6 млн. сомонӣ баробар гардида, ҳиссаи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии вилоят 25,7 фоизро ташкил додааст. Ин нишондиҳандаҳо аҳаммияти соҳаи мазкурро дар рушди иқтисодиёти минтақа тасдиқ менамоянд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили асосҳои илмӣ ва методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ифода меёбад. Навгонии илмии кор, аз ҷумла, дар арзёбии иқтидори истеҳсолии вилояти Хатлон, муайян намудани имкониятҳои истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди инноватсионии соҳа инъикос ёфтааст.

Механизми пешниҳодшуда маҷмуи воситаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, сармоягузорӣ ва технологиро дар бар гирифта, ба навсозии истеҳсолот, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо равона шудааст. Истифодаи усулҳои иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-математикӣ, инчунин таҳияи дурнамои рушди истеҳсолот барои солҳои 2027–2035 аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди саноати минтақавӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва такмили сиёсати иқтисодии вилояти Хатлон истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ заминаи зарурӣ фароҳам оваранд.

Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот, баъзе масъалаҳо такмилталаб мебошанд. Аз ҷумла, механизми пешниҳодшуда метавонист бо мушаххас намудани манбаъҳои маблағгузорӣ, воситаҳои

ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии татбиқи он мукаммалтар карда шавад.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмуъ, муҳтавои автореферат аз анҷом ёфтани таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф ва ба даст овардани натиҷаҳои илмии муайян шаҳодат медиҳад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат дошта, барои истифода дар ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа аҳамияти амалӣ дошта метавонанд.

Бо дарназардошти мубрамияти мавзӯъ, сатҳи таҳлили илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, навгониҳои пешниҳодшуда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, эътироф намудан мумкин аст, ки автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

Тақризиҳанда:
доктор PhD., дотсенти кафедраи
иқтисодиёт ва идораи ДТТ Сафозода Ҳ.С.

«Имзои Ҳ.С. Сафозодаро тасдиқ менамоям»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
коргузори ва назоратии ДТТ Абдуназаров А.Ҷ.

Суроға: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н.карабоев 63/3.
Телефон: (+ 992-37) 234-79-89. E-mail: rectorat@tut.tj.
«13» 10 2026 с.